Фарзандонатонро дар ҳафтсолагӣ ба намоз хондан амр кунед ва дар даҳсолагӣ онҳоро барои намоз бизанед ва ҷои хоби ононро ҷудо кунед

Аз Амр ибни Шуъайб аз падараш ва ӯ аз падарбузургаш ривоят мекунад, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Фарзандонатонро дар ҳафтсолагӣ ба намоз хондан амр кунед ва дар даҳсолагӣ онҳоро барои намоз бизанед ва ҷои хоби ононро ҷудо кунед."

[Ҳасан] [رواه أبو داود]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки падар бояд фарзандонашро - писар ё духтар - дар ҳафтсолагӣ ба намоз амр кунад ва ҳар он чи барои барпо доштани намоз лозим аст, барояшон таълим диҳад. Чун ба синни даҳсолагӣ расиданд, аҳамият бар ин кор афзуда мешавад. Ва дар ҳолати кӯтоҳӣ дар намоз бояд ононро бизанад ва дар ин син ҷои хоби онҳоро аз ҳам ҷудо кунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5272